Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-016
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба
номи Шириншоҳ Шоҳтемур
(734003, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 146)

ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи: «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ пешниҳод гардидааст.

Бахши аграрии иқтисодиёти миллӣ ҳамчун муҳаррики пешбарандаи рушди иқтисодии кишвар ба тағйиротҳои мухталифи вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ фарогир мебошад. Таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна ба фаъолияти истеҳсолоти кишоварзӣ ногузир барои ҳалли як қатор мушкилоти ба миён омада ниёз дорад. Дар ин росто дар раванди бартарафкунӣ ва ҳалли мушкилоти ба миён меомада, инчунин таъмини фаъолияти мутасили истеҳсолии бахши кишоварзии иқтисодиёти миллӣ, баланд намудани сатҳи самаранокии истеҳсолот зарур арзёбӣ карда мешавад. Мусаллам аст, ки байни омилҳои зиёд ва шароитҳо, ки ба баланд намудани самаранокии бахши аграрӣ таъсир мерасонанд, оптимизатсияи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ маҳсуб меёбад. Ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ аз нуқтаи назари асосноккунии илмӣ имкон фароҳам меоварад, ки ба воситаи арзёбии омилҳои иқлимӣ, иқтисодӣ, таърихӣ, экологӣ ва дигарҳо ҳаҷм ва самаранокии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дар ниҳоят баланд намудани самаранокии фаъолияти корхонаҳо дар бахши аграрӣ таъмин карда шавад. Ҷоиз ба таъкид аст, ки дар радиф дастрасии маҳсулоти кишоварзӣ ба аҳолии мамлакат бо миқдори зарурӣ таъмин карда мешавад, ки ногузир ба сатҳи некуаҳволии мардут таъсири бевоситаи мерасонад.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқотии мазкур дар давраи муосир аз он сабаб афзун мегардад, ки дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон раванди саноатикунонии босуръат ҷараён дорад, ки ин падида бе таъмини самаранокии истеҳсолоти бахши кишоварзӣ, ки ҳамчун таъминкунандаи асосии ашёвии соҳаҳои саноат маҳсуб меёбад имконнопазир мегардад. Дар чунин шароит раванди ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ бо дарназардошти таъмини самаранокии он муҳим арзёбӣ карда шуда, барои татбиқи саноатикунонии кишвар заминаи асосиро таъсис медиҳад.

Ҳама гуфтаҳои боло аҳамияти таҳқиқоти илмӣ ва такомули минбаъдаи ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, муқаррар намудани роҳҳои баланд намудани самаранокии онҳоро дар шароити муосири Тоҷикистон баланд мекунад. Айнан бо ҳолатҳои қайдгардида мубрамият ва саривақтии таҳқиқоти илмии Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ муайян карда мешавад.

Мутолиаи автореферати тақризшаванда нишон дод, ки дар асоси дуруст муайян намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва мавзуи таҳқиқот ба муаллиф муяссар гирдааст ба як қатор натиҷаҳои назарраси илмӣ ноил гардад.

Довталаб дуруст қайд менамояд, ки "афзоиши сатҳи истеҳсолоти кишоварзӣ талаботи худтаъминкунии озуқавориро ҳал намуда, барои дар муддати кӯтоҳ баҳри ноил шудан ба дараҷаи меъёрҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тавсияшудаи истеъмоли ғизо ба ҳар сари аҳолӣ имконият медиҳад" (с. 12). Бо истифода аз муколаи илмӣ Юсуфзода Ф. С. дар доираи ҷадвали 1 (с. 14) ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро доир ба мафҳуми ҷойгиркунии истеҳсолоти кишоварзӣ мавриди муқоиса қарор додааст. Дар расми 2 (с. 18) уновнҷӯ омилҳои ба низоми ҷойгиркунии зироатҳои кишоварзӣ таъсиркунандаро гурӯҳбандӣ кардааст, ки ҷолиби диққат мебошад.

Таҳлилҳои эмпирикии тағйирёбии ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварӣ ва хоҷагиҳои ноҳияи вилояти Хатлон, самаранокии истеҳсоли маҳсулоти соҳаи растанипарварӣ дар хоҷагии "Эмомалӣ Раҳмон"-и ноҳияи Панҷ (с.21 – 23), ба Юсуфзода Ф. С. имкон фароҳам овардааст, ки омилҳои ба рушди соҳаи кишоварзӣ таъсиррасонро ба гурӯҳои алоҳида ҷудо намояд (с. 24-25). Чунин муносибат барои муқаррар намудани харитаи ҷойгиркунии зироатҳои асосии кишоварзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон заминаи методологӣ гузоштааст (с. 25).

Боиси қайд аст, ки муаллиф бо истифода аз усулҳои маъмули пешгӯикунӣ дурнамои тавозун ва таъмини талаботи аҳолиро бо маҳсулоти ғалладонагиҳо дар вилояти Хатлон барои солҳои 2025-2040 ҳисоб намудааст (ҷадвали 7, с. 30). Чунин ҳисоб оид ба дурнамои тавозун ва таъмини аҳолӣ бо сабзавот, зироатҳои полезӣ ва коркарди онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2025-2040 мавриди амал қарор гирифтааст (ҷадвали 8, с. 31-32). Амсилаи мазкурро барои дигар минтақҳои мамлакат низ истифода бурдан мумкин аст.

Боиси таҳсин аст, ки муллиф бо истифодабарии усули иқтисодӣ-математикӣ амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дар вилояти Хатлон барои солҳои 2025-2035 таълиф намудааст (с. 34 – 36).

Дар баробари дастовардҳои назарраси таҳқиқоти гузаронидашуда, автореферати диссертатсия баъзе ҳолатҳои баҳснок назар мерасад, алалхусус:

1. Дар асоси ҷадвали 5 (с. 27), хуб мешуд, агар муаллиф сабаби коҳишёбии саршумори чорворо дар корхонаҳои кишоварзӣ муайян менамуд.

2. Дар доираи амсилаи дурнамои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ барои вилояти Хатлон барои солҳои 2025-2035 таълиф карда шуда (с. 34 – 36), ҳисоби чунин нишондиҳандаҳои барои дигар минтақаҳои кишвар бо мақсади муқоиса намудан, арзиши илмии диссертатсияро боз ҳам боло менамуд.

Ҳолатҳои баҳсноки қайдгардида баҳои умумии мусбати таҳқиқоти гузаронидашударо паст накарда, хислати тавсиявӣ доранд.

Умуман, автореферати диссертатсияи Юсуфзода Фаррух Сайвалӣ дар мавзуи: «Самаранокии оптималикунонии ҷойгиркунӣ ва махсусгардонии истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ (дар мисоли хоҷагиҳои вилояти Хатлон)», ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.04.02 – Иқтисодиёти комплекси агросаноатӣ мебошад.

Тақризиҳанда:
мудири кафедраи назарияи иқтисодии
МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
Маҳаллаи 28, х-2Б, ҳ-10
Тел: (+992) 92 845 00 54
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru

«12» 02 2026 с.

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров” Сайдуллозода З.С.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39.
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: rector@hgu.tj

«12» 02 2026 с.